Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru)

ТАҚРИЗ

ба автореферати Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович дар мавзуи "Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

Сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳрии Тоҷикистон яке аз омили асосии рушди кишоварзӣ, муайянкунандаи дараҷаи техникӣ ва самаранокии истеҳсолот мебошад. Бо назардошти он, ки қисмати хоҷагиҳои кишоварзии Тоҷикистон хоҷагиҳои хурд мебошанд ва маблағҳои худии онҳо такрористеҳсолкунии васеъро ба пуррагӣ таъмин наменамоянд, аз ин ҷо зарурати ҷалби сармоягузориҳои берунӣ ба миён меояд. Новобаста ба он, ки дар мамлакат барои рушди сармоягузориҳо асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, ҳуқуқи сармоягузорон ҳимоя карда мешавад, бо вуҷуди ин рағбати сармоягузорон ба соҳаи кишоварзӣ камтар мебошад. Бинобар ин пурмаҳсулгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва ба амал баровардани такрористеҳсолкунии васеъ, ҷустуҷӯи манбаъҳои нави сармоягузорӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо интихоби мавзуи кори диссертатсионии Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддиновичро мубрам менамоянд.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки унвончӯй тавонистааст таҳқиқи асосҳои назариявии сармоягузорӣ ва моҳияти иқтисодии онро мавриди тадқиқот қарор дода, омилҳои асосӣ, ки ба рушди сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ таъсир мерасонанд муайян намояд. Дар кори мазкур моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ ва тавсифи унсурҳои асосии он, хусусиятҳои сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ва таҷрибаи хориҷӣ ҳамчун самти фаъолгардонии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, вазъи муосири сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баҳои ҳолати кунунии ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ ва арзёбии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ - самти асосии ҷалби

сармоягузории соҳаи кишоварзӣ, такмили ташкили истеҳсолот, ҳамчун роҳи фаъолгардонии сармоягузории хоҷагиҳои кишоварзӣ ва ипотека, ҳамчун омили ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертант гурӯҳбандии омилҳои таъсиррасон барои ҷалби сармоягузоиро дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод намудааст, ки ҷолиб ва қобили қабул ҳисобида мешавад.

Муаллифи автореферати кори диссертатсионӣ паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти сармоягузориро дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст. Вале аз нигоҳи мо беҳтар мебуд, агар муаллиф дар мисоли хоҷагии алоҳида самаранокии иқтисодии истифодаи сармоягузориро ҳисоб карда, самтҳои такмили онро нишон медод, он гоҳ мазмуни кор боз ҳам беҳтар мегардид.

Вале ин камбудии қайдшуда мазмуни кори илмии иҷрошударо паст намегардонад.

Автореферати диссертатсияи Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович дар мавзуи "Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" шаҳодат медиҳад, ки диссертант кори таҳқиқоти илмии мустақилона баанҷомрасонидаашро пешниҳод менамояд, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯй аст ва муаллифи вай барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ
ва байналмилалии Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон **Абдуғаффор Рауфӣ**

Суроға: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев, 63/3
Тел: 2340907, E-mail: eco_institute@mail.ru

Имзои А. Рауфӣ-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва назорати Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон **Абдуназаров А.Ч.**

09.02.2026